«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.

________________

«22» ____12____ 2023

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи **«Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна** соли 2012 факултети шарқшиносӣ (ҳоло факултети забонҳои Осиё ва Аврупо)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси шарқшинос – филолог хатм кардааст. Соли 2013 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 хатм кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 то ин замон ба ҳайси муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаи таълимии хусусии «Абдураҳмони Ҷомӣ» фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Хоҷаев Давлатбек** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои илмии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 01.11.2016 бо қарори № 2 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна 5-уми ноябри соли 2022, №146 маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Таҳқиқу баррасии вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-

и Ҳусайн Воизи Кошифӣ барои шинохт ва ошкор гардидани хусусиятҳои забони адабии асри XV ёрии калон мерасонад. Забон ва тарзи баёни муаллифи «Ахлоқи муҳсинӣ» бисёр дилкашу зебо буда, намунаи барҷастаи забони адабии асри XV дар муқоиса бо насри мураккабу печидаи баъзе осори ин давра мебошад. Дар диссертатсия қонуниятҳои ташаккулу таҳаввули категорияҳои лексикӣ, меъёрҳои сарфию наҳвии забони адабии тоҷикӣ дар асри XV ва таъсири он ба асрҳои баъдӣ дар асоси «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ таҳқиқ шудааст. Таҳқиқи вижагиҳои луғавию грамматикии ин асар барои ошкор гардидани муғлақбаёнию печидагӣ, ки дар асрҳои XII-XIV дар насри бадеии мо пайдо шуда буд, мусоидат менамояд. Таҳқиқи хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии ин осори насрӣ барои кушодани моҳияти вижагиҳои забонии асар, сабабҳои дилписандии забону тарзи баёни адиб имконият медиҳад. Аз ин нуқтаи назар, пажуҳиши чунин мавзуъ дар забоншиносии тоҷикӣ дорои аҳаммияти зиёди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мақсади асосии таҳқиқ**и ин мавзуъ муайян кардану нишон додани вижагиҳои корбасту қонуниятҳои инкишофи маънои луғавии вожаҳо дар асоси маводи мушаххаси «Ахлоқи муҳсинӣ», ҳамчунин дар заминаи ҳамин асар хусусиятҳои сарфию наҳвии забони адабии асри XV тоҷикро мушаххас намудан мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

– нишон додани таносуби вожаҳои тоҷикӣ ва иқтибосии арабӣ; категорияҳои лексикӣ (омоним, синоним, антоним ва сермаъноӣ);
– муайян кардани хусусиятҳои морфологии категорияҳои грамматикии исм: ҷамъбандӣ тавассути «-он» (-гон, -ён), «-ҳо» ва ҷамъбандии арабӣ; категорияи номуайянӣ;
– нишон додани баъзе вижагиҳо дар истифодаи феъл ва ҳиссаҳои ёвари нутқ;

- нишон додани усулу воситаҳои сермаҳсул ва каммаҳсули калимасозу шаклсоз ва дар ин замина муайян кардани қонуниятҳои устувори калимасозии «Ахлоқи муҳсинӣ»;
- тавсифи хусусиятҳои наҳвии «Ахлоқи муҳсинӣ»;
- вижагиҳои ҷумлаҳои содаю мураккаби асар;
- нишон додани тарзу воситаҳои созмонии банди наҳвӣ ва вижаҳои корбурди он дар асар.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаи таҳқиқ** «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (аз рӯйи чопи «Ахлоқи муҳсинӣ», «Саргузашти Ҳотам», «Тӯтинома». Энсиклопедияи насри тоҷику форс. – Душанбе, 2009) истифода шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмию назариявии олимони забоншиноси шинохтаи ватанию хориҷӣ истифода намудааст.

Асосҳои назарӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои бунёдии забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли В.В. Виноградов, Н.М. Пешковский, Ф.М. Березин, Р.А. Будагов, Ю.С. Степанова, Ю.А. Рубинчик, В.С. Расторгуева, Л.П. Смирнова, Д.Т. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Д. Саймиддинов, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, С. Сулаймонов, С. Назарзода, С. Сабзаев, А. Ҳасанов, Г. Камолова, Б. Шарифов, Н.И. Ғиёсов, М. Саломиён, Ж. Гулназарзода ва дигарон ташкил додааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия нахустин бор хусусиятҳои луғавию грамматикии яке аз осори ахлоқии насри асри XV «Ахлоқи муҳсинӣ» ба сурати густурдаю маҷмуъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Навгонии илмии рисола боз дар ин аст, ки таҳқиқи маҷмуи вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ» манзараи забони адабии тоҷикро дар асри XV равшан намуда, шарҳу тавзеҳи масоили мавриди назар, қонунияту роҳҳои инкишофи таркиби луғавӣ, устувории сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро нишон медиҳад ва дар ин замина нақши осори адабӣ ва адибони алоҳидаро ошкор менамояд.

Диссертатсияи номзадии Абдурахмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна аз чанд ҷиҳат аҳамияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки тавсияҳои амалии диссертатсияро метавон дар таълифи китобу дастурҳои таълимӣ оид ба «Таърихи забони адабии тоҷик», «Лексикологияи таърихӣ», «Сарфу наҳви тоҷикӣ» ва хондани курсу семинарҳои тахассусӣ аз фанни «Таърихи забони адабии тоҷик», навиштани рисолаҳои илмӣ, дипломӣ, реферату маърузаҳо истифода кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Абдураҳмонова Нилуфар дар 6 мақолаи муаллиф, ки аз миёни онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаи маърузаю гузоришҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Ҳамчунин, матни мухтасари «Ахлоқи муҳсинӣ» дар шакли китоби алоҳида бо номи «Дили бедор» таҳия гардидааст.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферато инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Нилуфари Ҳ.А. (Абдураҳмонова, Н.Ҳ.). Нақши пасвандҳои исмсоз дар «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / Ҳ. Нилуфар. – Душанбе, 2016. – № 4/7 (217). – С. 102-107.

[2-М] Нилуфари Ҳ.А. (Абдураҳмонова, Н.Ҳ.). Баъзе вижагиҳои луғавии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Ҳ. Нилуфар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С.102-105.

[3-M] Нилуфари Ҳ.А. (Абдураҳмонова, Н.Ҳ.). Корбурди банди наҳвӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ» / Ҳ. Нилуфар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 7 – С. 64-67.

[4-M] Абдураҳмонова, Н.Ҳ. Лексикаи худӣ ва иқтибосии арабӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Н.Ҳ. Абдураҳмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 5. – С. 59-64.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-M] Абдураҳмонова Н.Ҳ. Ибораҳои фразеологӣ дар «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ / Н.Ҳ. Абдураҳмонова // Забон – рукни тоат. Маводи конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV». – Душанбе, 2023. – №14. – С. 280-283.

[6-M] Абдураҳмонова, Н.Ҳ. Корбурди ҷумлаҳои сода ва вижагиҳои онҳо / Н.Ҳ. Абдураҳмонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир». – Душанбе, 2023. – С.265-272.

Мавзуи таҳқиқшаванда ба самти таҳқиқи илмии кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дошта, барои равшан гардидани вазъи забони адабии классикии тоҷик, махсусан, сохти наҳвиёти он дар асрҳои миёна мусоидат менамояд. **Натиҷаҳои таҳқиқи** мавзуъ метавонад, ки ба сифати манбаи омӯзиши таърихи забон ва қонуниятҳои инкишофи сохтори луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони адабии тоҷик хизмат намояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назарии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назарию амалии мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи асари таҳқиқшавандаро дар асоси усулҳои муосири забоншиносӣ баррасӣ намудааст.

Кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи унвонҷӯ Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевнаро дар мавзуи **«Вижагиҳои луғавию грамматикии «Ахлоқи муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва

муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Қарори №7 аз 19.12.2023.

Мудири кафедраи таърихи
забон ва типология, номзади
илми филология, дотсент Камолзода Х.М.

Котиби илмӣ, номзади
илми филология Ҷобиров А.Б.

Имзоҳои Х.М. Камолзода ва
А.Б. Ҷобировро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«20» декабри соли 2023.